**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.** ______________
«07» _____ 04 _____ соли 2025

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Насриддинзода Сайфиддин Насриддин унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Насриддинзода Сайфиддин Насриддин соли 2012 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро бо дипломи муқарарӣ соли 2017 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2020 №10-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 19 декабри соли 2023 №510-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020 № 5 (20-21) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Холиқзода Шералӣ Лоиқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, № 8 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04 апрели соли 2025 №8 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ бо таҳия ва баррасии масъалаҳои мубрами асосҳои назариявии таснифи Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам муайян мегардад. Дар доираи таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят

кардан бо вируси норасоии масунияти одам мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар доираи он таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти судӣ истифода шаванд. Ин хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар раванди таҳия ва қабул кардани қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Вобаста ба таҷрибаи қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ пешниҳод менамоем, ки ба м.125  КҶ ҶТ эзоҳ бо мазмуни зайл илова карда шавад: “Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, агар шахси дигаре, ки зери хавфи сироят қарор дода шуда ё бо ВНМО сироятёфтааст, саривақт  дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин бемори огоҳонида шуда бошад ва ихтиёран ба содир намудани ҳаракатҳое, ки хавфи сироятёбиро ба вучуд меовард, розӣ шуда бошад агар дар кирдорҳои ӯ таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад.

2. Дар қисми 2 моддаи 125 КҶ ҶТ аломати вазнинккунанда дар намуди “нисбати занони ҳомиладор содир шудааст” илова карда шавад. Зеро содир шудани сироят кардан ба ВНМО нисбати занони ҳомиладор, якбора ба ҳаёт ва саломатии ду кас (модар ва кудак) заррар мерасонад.

3. Барои тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ мебуд агар дар қ.3 м.125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда ба монанди “такроран” содир намудани чунин кирдорҳо муқаррар карда шавад. Зеро аломати сироят кардани ду ва ё зиёда шахсон  аз рӯйи қоидаи умумӣ ҳолатҳои  сироят кардани ду ва ё зиёда шахсонро бо ВНМО дар бар гирифта наметавонад, агар чунин ҳаракатҳо бо қасди ягона дар як вақт ё фосилаи кутоҳи вақт содир нашуда бошанд.

4. Пленуми Суди Олӣ таркиби ҷинояти қ.1 м.125 КҶ ҶТ-ро  ба таври асоснок  ҳамчун таркиби расмӣ муайян намудааст, вале дар тавзеҳи қасди бевосита нисбати ин ҷиноят ба муносибати руҳии шахс нисбат оқибат ишора намудааст, ки ин хоси таркибҳои моддӣ мебошад.Аз ин рӯй барои ислоҳи чунин ҳолат пешниҳод менамоем, ки б.18 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ бо мазмуни зайл муқаррар карда шавад: “субъект дарк мекунад, ки бо ҳаракатҳои қасдонаи худ ӯ шахси дигарро таҳти хавфи сирояти ВНМО мегузорад ва хоҳони содир намудани чунин ҳаракатҳо мебошад”.

Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 9 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2, 93 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Курбонов С.Н. Масоили муайн кардани объекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов // Давлатшиносӣ ва хуқуқи инсон. – 2022. – №3 (27). – С. 294-304; ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Қурбонов С.Н. Аломатҳои иловагии тарафи объективии сироят кардан ба вируси норасоии масъунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – № 3 (51). – С. 145-150; ISSN 2305-0535

**[3-М].** Қурбонов С.Н. Субъекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №2 – С. 266-271; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Қурбонов С.Н., Холиқзода Ш.Л. Тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам. [Матн] / С.Н. Қурбонов, Ш.Л. Холиқзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №5 – С. 276-284; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[[5-М].** Қурбонов С.Н. Масоили объекти ҷинояти гирифтор кардан ба вируси норасоии масунияти одам. [Матн] / С.Н. Қурбонов // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (1 ноябри соли 2023) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 340-348.

**[6-М].** Қурбонов С.Н. Тавсифи умумии вируси норасоии масунияти одам ва хатари он ба ҷомеа. [Матн] / С.Н. Қурбонов // Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия маводи конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ (22 июни соли 2024) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Полиграфияи «Ватан Принт», 2024. – С. 265-270.

**[7-М].** Қурбонов С.Н. Инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масъунияти одам. [Матн] / С.Н. Қурбонов // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 538-548.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 04 апрели соли 2025, №8.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Исматов Р.А.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Исматов Р.А-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«05» ____04____ 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj